# «Пудратчӣ» не, «паймонкор»

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 8 Июл, 2020 - 11:08 **Хайруллоҳи РАҶАБИЁН, муҳандис-обшоргар, тарҷумон, луғатнигор, рӯзноманигор**

Ман – нигорандаи ин сатрҳо ҳар як шумораи «Садои мардум»-ро мехонам. Дар саҳифаҳои он, ҳар кас барои хеш матлаби хонданбоб меёбад. Ман, ки муҳандиси сохтмон ҳастам, дар

баробари мутолиаи мақолаҳои ҷолиб, ба саҳифаи чоруми рӯзнома таваҷҷуҳ менамоям. Дар он бештар даъватномаҳои иштирок дар озмуни харид ва иҷрои корҳои сохтмонӣ дарҷ мееёбанд ва бо ибораи «Ба таваҷҷуҳи молрасону пудратчиён» оғоз мегарданд.

Ҳамчун коршиноси собиқаи сиву ҳафтсоладошта ба калимаи сохтаи «пудратчӣ» бештар шинос ҳастам. Он аз калимаи русии «подрядчик», ки решааш «подряд» (Договор по которому одна сторона обязуется по заказу другой стороны выполнить определенную работу, а также работа, такому выбору, С. И. Ожегов «Словарь русского языка», Москва, «Русский язык», 1986, стр. 468) мебошад, сохта шудааст. «Подрядчик» чунин шарҳ дорад: Организация (или, же отдельное лицо) занимающаяся работами по подрядам (С. И Ожегов «Словарь русского языка», Москва, «Русский язык», 1986, стр. 468).
Кадом «донишманд»- е аз он «пудрат» сохтаву бо хизмати хирсона забонро олуда кардааст, ки ҳеҷ маъноеро ифода намекунад. Дар забон ба ин маънӣ калимаи «паймонкор» ҳаст, ки дар «Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ» (Душанбе, 2013. саҳ. 186) сабт гардидааст ва онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст. Ҳамзабонони бурунмарзӣ низ ҳамин калимаро истифода мебаранд. Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ», (ҷилди 2, Душанбе, 2008, саҳ. 61) паймонкор он ки дар асоси шартнома ё қарордод кор мекунад ва паймонкорӣ кор кардан бо шартнома ё қарордод шарҳ дода шудааст
«Подряд» (дар «Русско-таджикский словарь», Москва, «Русский язык», 1985, саҳ 767), ки дар замони русикунонии забонҳои халқҳои шӯравӣ таълиф шудааст, «пудрат, кӯтарабайъ, яклухтбайъ» тарҷума шудааст, ки ҳеҷ қобили қабул буда наметавонад. Хуб мебуд, ки забоншиносон онро мувофиқ ба талаботи замон аз нав таълиф менамуданд.
«Тозагии забонро чун муқаддасот эҳтиёт намоед. Ҳеҷ гоҳ калимаҳои хориҷиро истифода набаред. Забони русӣ чунон ғанӣ ва хушоҳанг аст, ки ба мо аз онҳое, ки камбағалтаранд чизе гирифтан нашояд», – гуфтааст нависандаи шаҳири рус Иван Сергеевич Тургенев. Ин суханонро метавон ба забони тоҷикӣ низ, ки аз русӣ қадимтар ва ғанитар аст, нисбат дод.
Устод Ҷалол Икромӣ «Дар насиҳат ба рафиқи ҷавонам» мегӯяд: «Агар ба дасти шумо зарферо дода гӯянд, ки эҳтиёт бошед, мабодо аз даст наафтад, ки зарф аз гавҳару забарҷад сохта шудааст ва баҳои мамлакатро дорад, шумо, албатта, он зарфро бо камоли эҳтиёт нигоҳ медоред. Аммо чаро суханеро, ки аз ҳазорон ин гуна зарфҳои забарҷадин геронбаҳотар аст, ёдгории асосии одамизод аст, баъзан хор мекунем?».
Ва Носири Хисрав гуфта:
Ман онам, ки дар пойи хукон нарезам
Мар ин қиммати дурри лафзи дариро.
Модом ки дар забон калимаи бисёр ҳам зебо ва хушоҳангу гуворои «паймонкор» ҳаст, чӣ ҳоҷат ба калимаи сохтаи бегонаи бидуни маъно, ки забони нобамонро олуда кардааст. Ҳангоми интихоби калима бояд ба имкониятҳои забони давлатӣ таваҷҷуҳ намоем. Набояд ба тақлиди ноҷо роҳ дод. Ҳар як ташкилоти сохтмонӣ барои иҷрои корҳои пешниҳодшуда дар озмун бо фармоишгар паймон мебандад ва фаъолияти ӯ паймонкорӣ маҳсуб мешавад.
Боиси таҳсину хушнудӣ мебуд агар рӯзномаи «Садои мардум», Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, марказҳои татбиқи лоиҳаҳои зертобеи он ҳангоми пешниҳод ва чопи эълонҳо ба ин нуктаи муҳим эътибор медоданд. Агар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба навиштаи расонаҳо, ки ба афкори мардум таъсиргузоранд, бомасъулият назар мекарданд ва ворид шудани калимаҳои хориҷии сохта ва нодаркорро пешгирӣ менамуданд, нуран алонур мешуд. Ҳамчунин, пешниҳод менамоям, ки калимаҳои «прокурор» ба «додситон», «суд» ба «додгоҳ», «судя» ба «додгус¬тар», «адвокат» ба «вакили додгустарӣ» ва «санитарӣ» ба «беҳдоштӣ» иваз карда, калимаҳои хориҷие, ки муродифи тоҷикӣ доранд, аз луғати имло хориҷ карда шаванд. Ин намуд калимаҳо забони ноби форсии дарии тоҷикиро ғанӣ намегардонанд, балки рӯди мусаффои онро олуда месозанд.

Соҳиби забон худи мо ҳастем. Тозагии онро ба ҷуз мо кӣ амалӣ мекунад? Аз ин рӯ, пешниҳод менамоям, ки барои тозагии забон, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста зимни суханрониҳояшон таъкид месозанд, калимаҳои «паймонкор», «паймонкорон» ва «паймонкорӣ» танҳо дар саҳифаи Фарҳанг намонда, мавриди истифода қарор дода шаванд. Як хаси аз об гирифта, онро тозатар ҷилва медиҳад. Об забони мосту хас калимаи нолозими хориҷӣ.

**Хайруллоҳи РАҶАБИЁН, муҳандис-обшоргар, тарҷумон, луғатнигор, рӯзноманигор**

**Баҳодиҳии муҳтаво:** 5

Баҳои миёна: 5 (2 овоз)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [1]
- Забони тоҷикӣ [2]

---

**Манбаъ::**http://www.istilohot.tj/tg/content/pudratchi-ne-paymonkor?mini=2025-07&page=33

**Пайвандҳо**
[1] http://www.istilohot.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [2] http://www.istilohot.tj/tg/category/%D0%B7%D0%B0%D0%B1%D0%BE%D0%BD%D0%B8-%D1%82%D0%BE%D2%B7%D0%B8%D0%BA%D3%A3